## ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ,

**н.и.ф., дотсент Каримов Назрулло Салимович ба диссертатсияи Сафарова Фируза Мадобидовна зери унвони «Методикаи арзёбии дониши хаттии довталабон дар асоси натиҷаи имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон – кори хаттӣ (эссе)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3 – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ**

Кори диссертатсионии мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳимми методикаи арзёбии дониши хаттии довталабон дар доираи имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ бахшида шудааст. Дар шароити бархӯрди манфиатҳо, фарҳангҳо ва мавқеъ гирифтани забонҳои абарқудрат интихоби мавзуъ саривақтӣ ва мубрам буда, ба талаботи сиёсати давлатии соҳаи маориф, таъмини шаффофият, адолат ва эътимоднокии арзёбии дониши хаттӣ мутобиқ мебошад.

**Мубрамӣ ва аҳаммияти мавзуи** диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф дар асоси таҳлили назариявӣ ва омӯзиши таҷрибаи амалии арзёбии корҳои хаттӣ (эссе) ҷанбаҳои муҳимми методологӣ, меъёрҳои арзёбӣ ва омилҳои таъсиргузорро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар таҳқиқот масъалаҳои марбут ба муайян намудани сатҳи саводнокӣ, тафаккури мантиқӣ, маҳорати таҳлил кардан, қобилияти баёни фикр ва риояи меъёрҳои забонӣ ҳамчун унсурҳои асосии арзёбии кори хаттӣ бо далелҳои илмӣ асоснок карда шудаанд, ки ин мубрамии мавзуъро нишон медиҳад.

Яке аз бартариҳои муҳимми таҳқиқот дар он аст, ки чунин таҳқиқоти фарогир бори аввал анҷом дода шуда, муаллиф барои такмили методикаи арзёбии эссе тавсияҳои амалии қобили таваҷҷуҳ пешниҳод намудааст. Ин тавсияҳо метавонанд, дар фаъолияти минбаъдаи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, инчунин дар такмили санадҳои меъёриву методии арзёбии корҳои хаттӣ истифода шаванд. Аз ин рӯ, мавзуъ ва муҳтавои бобу фаслҳои диссертатсия ба доираи масоили таҳқиқии **шиносномаи ихтисоси 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ** мувофиқат мекунад.

**Арзиши амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои он барои баланд бардоштани сифати арзёбии дониш, таъмини ягонагии талабот нисбат ба корҳои хаттӣ ва коҳиш додани омилҳои субъективӣ мусоидат менамоянд. Пешниҳодҳои муаллиф барои такмили низоми арзёбии эссе дорои аҳаммияти назарӣ ва амалӣ мебошанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот** ба таври шоиста муайян гардида, усулҳои истифодашуда ба моҳияти масъала мувофиқ интихоб шудаанд. Таҳқиқи асосҳои назарӣ ва амалии таҳияи кори хаттӣ (эссе) ҳамчун воситаи объективонаи арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон ва арзёбии дараҷаи саводнокӣ ва нутқи хаттӣ, ҷаҳонбинӣ, маҳорати андешаронию хулосабарорӣ аз рӯйи меъёри ягона ва илман асоснокгардида мебошад. Натиҷаҳои илмии таҳқиқот дар асоси назарияи ба илм асосёфта ва дар таҷрибаи амалӣ санҷидашудаи кори хаттӣ (эссе) бароварда шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Аз ҷиҳати сохтор, диссертатсия бо риояи талаботи корҳои илмӣ таҳия гардида, байни бобҳо ва зербобҳо робитаи мантиқӣ нигоҳ дошта шудааст. Натиҷаҳои бадастомада бо таҳлилҳои оморӣ ва хулосаҳои илмӣ тақвият ёфта, эътимоднокии онҳоро афзун менамоянд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда (205 номгӯй) ва замимаҳо иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 182 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, 59 расм, 21 ҷадвал ва 2 замимаро дар бар мегирад.

Довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуъ ва мазмуну мундариҷаи диссертатсия 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (КОА), 4 мақола аз маводди конференсияҳои илмию амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ва 6 дастури методиро ба нашр расонидааст. Мақолаҳои интишоркардаи диссертант нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ** бо он асоснок мегардад, ки вобаста ба масъалаи ворид намудани кори хаттӣ (эссе) ба низоми имтиҳоноти марказонидаи дохилшавии Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилҳо карда, натиҷаҳои хуб ба даст овардааст. Инчунин бо мақсади муайян ва арзёбӣ кардани нутқи хаттии довталабон, маҳорати баёни дуруст ва мураттаби фикри онҳо ва дар ин замина рушд додани нутқи хаттии хонандагони муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ва беҳтар ба роҳ мондани таълими фанни забони тоҷикӣ (давлатӣ) пешниҳодоти судманд кардааст.

**Хулоса,** диссертатсияи Сафарова Фируза Мадобидовна зери унвони «Методикаи арзёбии дониши хаттии довталабон дар асоси натиҷаи имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон – кори хаттӣ (эссе)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи

ихтисоси 5.3.5.3 – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар шурои дифоъ тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ
ва усули таълими забон ва адабиёти
тоҷики факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Каримов Н.С.

Нишонӣ: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи Неъмат Қарабоев, бинои 150/2, ҳуҷраи 222.
Телефон: (+992) 918646938.
E-mail: nazrullo_karimov@mail.ru

Имзои Каримов Назрулло Салимовичро
тасдиқ мекунам:
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.
12. 06. 2025

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj